**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи «Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX », барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10. 01. 01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)**

Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дувуми садаи XIX ва ибтидои асри XX ҳарчанд аз назари таърихӣ аз замони мо дар фосилаи начандон дур қарор дорад, вале ба мушоҳида мерасад, ки муаммоҳои зиёди ҳанӯз омӯхтанашуда дорад. Солҳои охир таваҷҷуҳ бар омӯзиши масъалаҳои мубрами адабиёти ин давра афзун гардида, тасҳеҳу нашри осори суханварони ин давра дар асоси нусхаҳои хаттии мавҷуд дар китобхонаҳои мухталифи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва берун аз он меафзояд. Диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи «Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX» ба таҳқиқи зиндагинома ва мероси адабии яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти ин давр бахшида шудааст. Ҳарчанд то кунун дар адабиётшиносии тоҷик ва ӯзбек роҷеъ ба зиндагинома ва мероси адабии ин шоири соҳибном корҳои муайяне ба сомон расонидаанд, ки дар саргаҳи онҳо устод Садриддин Айнӣ қарор доранд, вале бо итминон метавон изҳор дошт, ки диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад аз ҷумлаи аввалин кӯшишҳое ба шумор меравад, ки тамоми паҳлуҳои осори суханварро фаро мегирад.

Аз автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки ҳарчанд мунтахаби ашъори Саҳбо дар Тоҷикистон бо кӯшиши Ҳасани Муродиён ва дар Ӯзбекистон бо эҳтимоми Ҳалима Мухторова ба чоп расидааст, вале муҳаққии ҷавон кӯшидааст, ки ба матни аслии дастнависи девони шоирро, ки дар Фонди дастнависҳои ба номи Ҳамид Сулаймони дар Пажӯҳишгоҳи Шарқшиносии АИ Ӯзбекистон таҳти рақами 1982 маҳфуз аст, ба даст оварда, дар ҷараёни таҳқиқи хеш аз он истифода намояд. Ҳатто дар мавориди зарурӣ дар заминаи қиёс ва муқобала назари интиқодии хешро ба мутуни чопшуда баён дрштааст, ки бегумон ин шеваи баррасии муаллиф арзиш ва аҳамияти кори ӯро боло бурдааст. Таҳқиқи амиқи матншиносии нашрҳои анҷомёфта ва назари интиқодии диссертант зарурат ва заминаҳои муҳимеро барои дар оянда ба нашр расонидаи матни комили девони Саҳбо фароҳам овардааст, ки умедворем худи ӯ дар анҷоми ин кори савоб иқдом хоҳад намуд.



Сканировано с CamScanner

Ҷанбаи дигари муҳим ва арзишманди диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф дар ҷараёни таснифи анвоъи шеърии таркиби девони Саҳбо бар асоси такя бар матни нусхаи хаттӣ теъдоди куллии абёти ашъор, инчунин шумораи дақиқи ҳар яке аз навъҳои шеъриро муқаррар сохта, хусусиятҳои жанрии қасоид, ғазалиёт, мухаммасоти шоирро ба таври аниқу дақиқ баён доштааст. Дар баробари ин, бо такя ба ишороти дар нусхаи хаттӣ ҷойдошта шеваҳои истиқболи Саҳборо аз ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил нишон дода, ҳатто ин нуктаро ҳам таъкид доштааст, ки зикри чанд байт аз як ғазали Бедил дар саҳфаи аввали нусхаи хаттӣ дар баробари бозгӯии иродати шоир ба шеър ва андешаи ин суханвари маънишикор ин нуктаро ҳам ба субут мерасонад, ки Саҳбо аз ҷумлаи намояндагони мактаби пайравони Бедил ба шумор меравад. Дар идомаи баррасӣ ин мулоҳизоти хешро бо зикри шеваҳои хоси калимасозӣ, таркибофаринӣ дар ғазалиёти Саҳбо низ ба субут расонидааст.

Таҳқиқи вежагиҳои сабкӣ ва поэтикии ашъори Саҳбо низ бо шеваи матлуби истифодаи чандин усулҳои қобили таваҷҷуҳи илмӣ, аз ҷумла равиши омории таҳқиқ сурат гирифтааст. Корбурди саноеи бадеӣ ва нақши онҳо дар таҳаввули ҷанбаҳои ҳунарии ашъори шоир бо зикри мисолҳои мушаххас ва таҳлилу баррасии амиқ сурат гирифтааст. Бо истифода аз усули омории таҳқиқ муаллиф нахуст басомади авзони мавриди истифодаи шоирро ҳам дар ғазалиёт ва ҳам дигар анвои шеърӣ баён дошта, дар баробари ин бо ҳамин усул корбурди қофия ва радифро низ таҳқиқ кардааст, ки ҳамагӣ ба ҷанбаҳои шоёни илмии диссертатсия таъкид мекунанд.

Дар умум, аз натиҷагириҳои мушаххаси муҳаққиқ дар хулосаи диссертатсия маълум мешавад, ки ӯ ба анҷоми як пажуҳиши ҷомеъ роҷеъ ба ҷанбаҳои ҳунариву мавзуии ашъори Мирзо Ҳайити Саҳбо анҷом додааст, ки дар адабиётшиносии тоҷик бо чунин густардагӣ бори аввал сурат гирифтааст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия бархе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки таваҷҷуҳи диссертант ба онҳо қобили аҳаммият мебошад.

1. Аз мутолеаи бахши дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ пайдост, ки на ҳамаи пажуҳишҳои роҷеъ ба адабиёти ин давра ба анҷомрасида мавриди истифодаи диссертант қарор гирифтаанд.

2. Дар ҷараёни баррасиҳои марбут ба шарҳи ҳоли адиб гоҳо маврид ба маълумоти осоре ҳам такя мекунад, ки онҳо бештар ҷанбаи бадеӣ доранд. Ба назари мо дар сурати алоҳида таҳқиқ шудани осори мазкур ба мақсад мувофиқ мебошад.



Сканировано с CamScanner

Албатта ин, қайду эродҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Дар умум метавон аз мутолеаи автореферат ба чунин хулосае расид, ки диссертатсия **Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи «Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX»** ҷавобгӯи муқаррароти Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси **ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10. 01. 01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)** мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи филологияи тоҷик
ва забонҳои шарқи хориҷии донишгоҳи давлатии
Самарқанд ба номи Шароф Рашидов **С.Х.Хӯҷақулов**

«Имзои Хӯҷақулов Сироҷиддин Холмаҳматовичро тасдиқ мекунам».

tasdiqlayman
Sharof Rashidov nomidagi
SamDU xodimlar bo'limi boshlig'i

Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Самарқанд
ба номи Шароф Рашидов **И. Бӯриев**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 140332, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
ноҳияи Самарқанд, Янги ҳаёт-2, хонадонии 99
Почтаи электронӣ: sirojiddinxodjaqulov1976@gmail.com
Тел.: (+998) 91 536-74-88

16.04.2024



Сканировано с CamScanner